**СУРАТМАҶЛИСИ №91**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**14 феврали соли 2026** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар доктор ва 1 номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иброз намуда пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои шуро, Абдухамитов В.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонзода М.Ҷ. ташкил карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Қудратов Н.А;
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Абдухамитов В.А;
   - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонзода М.Ҷ.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**